# Фазоили моҳи муҳаррам ва рӯзи ошуро

[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]

**Таҳия ва тарҷумаи: Мусъаби Ҳамза**

2009 - 1430

islamhouse.com

# فضائل شهر الله المحرم و أحكام يوم عاشوراء.

« باللغة الطاجيكية »

إعداد و ترجمة : مصعب حمزة

2009 - 1430

# Фазоили моҳи муҳаррам ва рӯзи ошуро

Моҳи муҳаррам моҳи бузург ва муборакe аст ва он моҳи аввали солшумории ҳиҷрӣ ва яке аз моҳҳои ҳаром мебошад.
Худованд мефармояд:

أَعُوذُ بِٱللَّهِ مِنَ ٱلشَّيۡطَٰنِ ٱلرَّجِيمِ ﴿إِنَّ عِدَّةَ ٱلشُّهُورِ عِندَ ٱللَّهِ ٱثۡنَا عَشَرَ شَهۡرٗا فِي كِتَٰبِ ٱللَّهِ يَوۡمَ خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ مِنۡهَآ أَرۡبَعَةٌ حُرُمٞۚ ذَٰلِكَ ٱلدِّينُ ٱلۡقَيِّمُۚ فَلَا تَظۡلِمُواْ فِيهِنَّ أَنفُسَكُمۡۚ وَقَٰتِلُواْ ٱلۡمُشۡرِكِينَ كَآفَّةٗ كَمَا يُقَٰتِلُونَكُمۡ كَآفَّةٗۚ وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ مَعَ ٱلۡمُتَّقِينَ ٣٦﴾ التوبة: ٣٦

**Тарҷума: "Ҳар оина шумораи моҳҳо назди Худо дувоздаҳ моҳ аст дар китоби Худо, рузе ки осмонҳо ва заминро офарид аз он ҷумла чаҳор моҳ** ҳаром **аст, дини дуруст ин аст, пас дар он чаҳор моҳ бар худатон ситам макунед, ва ҷанг кунед бо ҳама мушрикон чунон ки эшон бо ҳамаи шумо ҷанг мекунанд ва бидонед ки Худо бо муттақиён аст" Тавба 36**

Аз Абӯбакр (р.з) аз Расули Худо (с) ривоят аст, ки фармуданд: «…. Сол 12 моҳ аст, ки аз он ҷумла чаҳор моҳ ҳаром аст (яъне ҷанг кардан дар ин моҳҳо ҳаром аст), се моҳ пай дар пай, Зулқаъда, Зулҳиҷҷа, Муҳаррам ва як моҳи Раҷаби музар, ки байни Ҷимодулохир ва Шаъбон воқеъ аст» (Бухорӣ ривоят кардааст 2958).
Ва Муҳаррам барои ҳамин номгузорӣ шудааст ва барои таъкиди ҳаром буданаш.
Пас моҳи муҳаррам аз ҷумлаи моҳҳои ҳаром аст, ки Худованд гуфтааст, ки дар ин моҳҳо бар худ зулм накунед.
Бо вуҷуди ин, ки як хато ва гуноҳи бузурге аст, вале дар ин моҳҳои ҳаром боз зиёдтар ва бузургтар аст.

Зеро дар ин моҳҳо аҷру савоби амалҳои неку хубтару бузургтар мегарданд ва инчунин амалҳои бад ва зулм ҳам гуноҳаш сахттару бузургтар мегардад.
Худованд аз байни моҳҳо моҳи Рамазон ва моҳҳои ҳаромро (Зулқаъда, Зулҳиҷҷа, Муҳаррам, Раҷаб) ихтиёр ва бузургдорӣ кардааст ва аз шабҳо шаби Лайлатулқадрро ва аз рӯзҳо рӯзи ҷумъаро ихтиёр ва бузургдорӣ кардааст, пас он чизеро, ки Худованд ихтиёр ва бузургдорӣ кардааст таъзим ва бузургдориашро ба ҷой биёред.

## Фазлу бузургии бисёр рӯза гирифтан дар моҳи муҳаррам.

Аз Абӯҳурайра (р.з) аст, ки Расули Худо (с) фармудаанд: «Беҳтарин рӯза баъди моҳи Рамазон рӯзаи моҳи Худованд моҳи муҳаррам аст». (Муслим ривоят кардааст 1982).
Қавлаш «моҳи Худованд», яъне изофа шудани моҳ ба сӯи Худованд, ин изофаи таъзим ва бузургӣ аст.
Пас ин тарғибе аст аз ҷониби Расули Худо барои дар ин моҳ зиёд рӯза гирифтан, ки савобу аҷраш зиёдтар аз дигар вақтҳо аст.

## Ошуро аз нигоҳи таърих.

Аз ибни Аббос (р.з) ривоят аст, ки хангоме, ки Расули Худо (с) ба Мадина омад, дид, ки яҳудиёни Мадина рӯзи ошуроро рӯза мегиранд. Пас гуфт: Чӣ аст ин? Гуфтанд: имрӯз рӯзи солеҳ ва нек аст, имрӯз рӯзе аст, ки Худованд бани исроилро аз душманонашон наҷот дод, пас Мӯсо (а) ин рӯзро рӯза гирифт. Расули Худо (с) фармуданд: Ман бар Мӯсо (а) аз шумо дида мустаҳиқтар ҳастам (наздиктар) ва он рӯзро рӯза гирифт ва ба рӯза гирифтанаш амр кард. (Бухорӣ ривоят кардааст 1865).
Дар ривояти дигар дар Саҳеҳ Муслим омадааст, ки: «Имрӯз рӯзи бузурге аст, ки Худованд дар ин рӯз Мӯсо (а) ва қавмашро наҷот дод ва Фиръавн ва қавмашро (дар

дарёи Нил) ғарқ гардонид», «Пас Мӯсо (а) барои шукри Худованд ин рӯзро рӯза гирифт».
Дар ривояти дигаре аз имом Аҳмад омадааст, ки: Имрӯз (рӯзи ошуро) рӯзе аст, ки киштии Нӯҳ (а) бар болои Ҷудии қарор гирифт ва Нӯҳ (а) ҳам ин рӯзро барои шукри Худоро ба ҷой овардан рӯза гирифтааст.
Рӯзаи рӯзи ошуроро пеш аз биъсати паёмбар (с) дар замони ҷоҳилият ҳам машҳуру маъруф буд. Аз Оиша (р.з) модари мӯъминон ривоят аст, ки гуфт: Аҳли ҷоҳилият ин рӯзро рӯза мегирифтанд.
Инчунин собит аст, ки Расули Худо (с) пеш аз он ки аз Макка ба сӯи Мадина ҳиҷрат кунад, ин рӯзро рӯза мегирифт, вақте ки Мадина омад, дид, ки яҳудиён ин рӯзро ҳамчун ид истиқбол мегиранд, аз сабабаш пурсид, ӯро чуноне, ки зикр кардем дар боло ҷавоб доданд. Амр кард, ки мухолифи яҳудиён кор кунанд. (яъне истиқбол нагиранд, балки рӯза бигиранд). Чуноне ки дар ҳадиси Абумӯсо (р.з) омадааст, ки гуфт: рӯзи ошуроро яҳудиён ҳамчун ид пешвоз мегирифтанд, пас Расули Худо гуфт: Шумо ин рӯзро рӯза бигиред.
Ва зоҳири ин ривоят далолат бар ин мекунад, ки Паёмбар бо амри ба рӯза гирифтани ин рӯз мухолифати яҳудро мехост, то ин ки онҳо дар рӯзе, ки ид доранд, мехӯранду менӯшанд мусулмонон рӯза гиранд, зеро ки рӯзи ид рӯза гирифта намешавад. (Аз китоби Фатҳулборӣ мухтасаран гирифта шудааст).

## Фазлу бузургии рӯзаи рӯзи ошуро.

Аз Ибни Аббос (р.з) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худоягон рӯзеро рӯза гирифтанашро бар дигар рӯзҳо бартарӣ намедод, магар рӯзи ошуроро ва инчунин ҳамин моҳро, моҳи рамазонро. (Бухорӣ ривоят кардааст 1867) (яъне рӯза гирифтани моҳи рамазонро бар дигар моҳҳо тафзил ва бартарӣ медод ва инчунин рӯза гирифтани

рӯзи ошуроро бар дигар рӯзҳо тафзил ва бартарӣ медод).
Дар ҷои дигар Расули Худо мефармояд: «Рӯзаи рӯзи ошуро дар ҳақиқат ман умедворам (вақте ки Расули Худо мегӯяд «умедворам», маънои амалӣ шудани он кор аст) аз Худо ки (ба сабаби рӯзаи ин рӯз) гуноҳҳои як соли пеш аз ӯро такфир ва бахшиш намояд» (Муслим ривоят кардааст 1976).
Ин аз фазлу бузургии Худованд барои бандагонаш аст, ки рӯзаи як рӯзро сабаби бахшиши гуноҳҳои яксола гардонида аст, пас лозим аст, ки бандагони Худованд ингуна мавсимҳои пурсамарро аз даст надиҳанд, то аз фазлу бузургӣ ва бахшиши Худованд бенасиб намонанд ва Худованд соҳиби фазли бузург аст.

## Кадом рӯз ошуро аст?

Имом Нававӣ (р.ҳ) мегӯяд: Ошуро ва тосуоо ду исме аст, ки алифи мамдуда дорад (ошуро=даҳум, тосуоо=нӯҳум).
Ошуро рӯзи даҳум ва тосуоо рӯзи нӯҳуми моҳи муҳаррам аст ва ҷумҳури олимон ҳам ҳаминро гуфтаанд ва инчунин мафҳуми ҳадисҳои воридшуда ва итлоқи лафзӣ ин калима, ки ошуро аст, ҳамин маъноро мефаҳмонад, инчунин олимони луғат ҳам бар ин раъйанд. (Алмаҷмӯъ).
Пас ошуро рӯзи даҳуми моҳи муҳаррам аст, зеро ошуро аз ашара гирифта шудааст, ин маънои рақами 10-ро дорад.
Ибни Қудома (р.ҳ) мегӯяд: Ошуро рӯзи даҳуми моҳи муҳаррам аст. Саид ибни Мусаиб ва Ҳасан ҳам ин қавлро таъйид менамоянд, инчунин аз ибни Аббос ривоят шудааст, ки гуфт: Расули Худо (с) амр кард, ки рӯзи ошуроро рӯза гиред, даҳуми моҳи муҳаррамро. (Тирмизӣ ривоят кардааст).

## Рӯза гирифтани тосуоо бо ҳамроҳии ошуро мустаҳаб аст.

Абдуллоҳ ибни Аббос (р.з) мегӯяд: Вақте ки Расули Худо (с) рӯзи ошуроро рӯза гирифт ва амр кард, ки мусулмонон рӯза бигиранд, гуфтанд: Эй Расули Худо имрӯз (рӯзи ошуро) рӯзе аст, ки яҳудиён ва насрониён имрӯзро таъзим ва бузургдорӣ мекунанд, пас Расули Худо (с) гуфт: «Вақте ки соли оянда биояд, рӯзи нӯҳумро рӯза мегирем бо рӯзи даҳум рӯза мегирем», соли оянда наомада Расули Худо (с) вафот ёфтанд. (Муслим ривоят кардааст 1916).

Имом Шофеъӣ ва асҳобаш ва имом Аҳмад ва Исҳоқ ва дигарон гуфтанд, ки: Рӯзи нӯҳумро бо хамроҳи даҳум (Ошуро) рӯза гирифтан мустаҳаб аст, зеро Расули Худо (с) рӯзи даҳумро рӯза гирифт ва ният кард, ки соли оянда рӯзи нӯҳумро ҳамроҳаш рӯза мегирад.

Ва бинобар ин рӯза гирифтани ошуро чанд мартаба аст, камтарин ҳолаташ ин аст, ки танҳо рӯзи ошуроро рӯза бигирӣ ва баъди он ки рӯзи нӯҳумро ҳамроҳи ошуро рӯзи бигирӣ ва ҳарчанд рӯза гирифтан дар мохи муҳаррам зиёд бошад, ҳамон қадар беҳтару хубтар аст.

Агар касе пурсад, ки ҳикмат аз рӯзи нӯҳумро ҳамроҳи даҳум рӯза гирифтан дар чӣ аст?

Ҷавоб ин аст, ки:

Имом Нававӣ (р.ҳ) мегӯяд: Олимон ҳикмати мустаҳаб будани рӯзаи рӯзи нӯҳумро бо ҳамроҳии рӯзи даҳум дар чанд ваҷҳ зикр кардааст:

1. Ин ки мурод аз рӯза гирифтани рӯзи нӯҳум мухолифат кардани яҳудиён аст, зеро онҳо фақат дар рӯзи даҳуми муҳаррам рӯза мегиранд ва инро ибни Аббос ривоят кардааст (яъне яҳудиён фақат рӯзи даҳумро рӯза мегиранд, пас вақто ки мо рӯзи нӯҳумро ҳамроҳи даҳум мегирем ин мухолифи яҳудиён мешавад).

2. Ин ки мақсад пайваст кардани рӯзи ошуро аст (яъне танҳо рӯза нагирифтанаш) чигунае, ки рӯзи ҷумъаро танҳо рӯза гирифтанаш наҳи шудааст.
3. Эҳтиёт кардан дар рӯза гирифтани рӯзи ошуро, зеро эҳтимол дорад, ки дар ҳисоб хато шавад ва рӯзи нӯҳум рӯзи даҳум бошад пас дар ин ҳолат рӯзи даҳум фавт намешавад.
Ва хубтарин ва наздиктарин ин се нуқта назар ба далелҳо ин нуқта назари аввал аст, яъне мухолифи аҳли китоб (яҳудиҳо ва насрониҳо) кор кардан аст, дар ин рӯзаи рӯзи ошуро.
Шайхулислом ибни Таймия (р.ҳ) мегӯяд: Расули Худо дар ҳадисҳои зиёдаш монанд ё ташабуҳ ба аҳли китобро наҳи ва манъ кардааст, чи гунае ки дар мавзӯи ошуро гуфтааст: «Агар то соли оянда зинда бошам, ҳатмӣ рӯзи нӯҳумро рӯза мегирам» (Фатовои кубро 6).
Ибни Ҳаҷар (р.ҳ) вақте ин ҳадисро шарҳ медиҳад «Агар то соли оянда  зинда бошам ҳатмӣ рӯзи нӯҳумро рӯза мегирам» мегӯяд: Он чизи ки қасд кард (яъне расули худо (с) дар бораи рӯза гирифтани рӯзи нӯҳум маънояш ин аст, ки фақат рӯзи даҳумро нагирад, балки нӯҳумро бо рӯзи даҳум бипайвандад ё барои эҳтиёт ва ё ин ки мухолифи яҳуд ва насоро амал кунад – ва ин роҷеътар аст ва дигар ривоятҳо дар саҳеҳи Муслим ҳам ин маъноро тарҷеҳ медиҳад. (Фатҳулбори шарҳи саҳеҳ Бухорӣ 4/245), (яъне мухолифи яҳудиҳо ва насрониҳо амал кардан, зеро онҳо фақат рӯзи даҳумро рӯза мегиранд пас мо бояд мухолифи онҳо амал кунем ва рӯзи нӯҳуму даҳумро рӯза гирем).

## Ҳукми рӯзи ошуроро танҳо рӯза доштан.

Шайхулислом ибни Таймия мегӯяд: Рӯза гирифтани рӯзи ошуро сабаби пок шудан ва бахшидани гуноҳони яксола (як соли гузашта) аст. Ва танҳо ин рӯзро рӯза гирифтан

карохияте надорад. (Фатовои кубро 5). Яъне танҳо рӯзи даҳумро рӯза гирифтан макруҳ нест.
Ва ибни Ҳайтамӣ мегӯяд: Ва ошуроро танҳо рӯза гирифтан боке надорад (Туҳфатудмуҳтоҷ 3, боби сеюм).
Лаҷнаи доима барои фатво аз ин масъала пурсида шуд, ин гуна ҷавоб доданд: Рӯза гирифтани рӯзи ошуро ба танҳогӣ як рӯз ҷоиз аст, вале рӯза гирифтани як рӯз пеш ё як рӯз баъди ошуро ҳамроҳаш афзалу беҳтар аст.
Ва ин аз расули худо (с) собит аст, чуноне ки Ӯ (с) гуфтааст: «Агар то соли оянда зинда бошам, ҳатмӣ рӯзи нӯҳумро рӯза мегирам» (Муслим ривоят кардааст 1134).
Ибни Аббос (р.з) мегӯяд: Яъне ҳамроҳи рӯхи даҳум (Лаҷнаи доима барои баҳсҳо ва фатвоҳо 11/401).
Ошуро рӯза гирифта мешавад агарчанде рӯзи ҷумъа ё шанбе бошад.
Дар бораи рӯза гирифтани рӯзи ҷумъа ба танҳогӣ ё ин ки рӯза гирифтани рӯзи шанбе наҳи ворид шудааст, магар дар ҳолате ки рӯзаи фарзӣ бошад, ҷоиз аст, мисли рӯза гирифтани рӯзи шанбе ва ҷумъа дар моҳи рамазон.
Ва лекин агар ин рӯзҳоро бо зиёд кардани як рӯзи дигар (масалан рӯзи панҷшанберо ҳамроҳи ҷумъа рӯза гирад) ё ин ки бо рӯзаи машруъ баробар биёяд, мисли рӯзи арафа ва ошуро, пас дар ин ҳолатҳо карохият аз байн меравад (яъне дар ин ҳолатҳо ҷоиз аст, ки рӯзҳои ҷумъа ва шанбе рӯза гирифта шавад). (Туҳфатулмуҳтоҷ 3 боби саввуми татаввуъ, Мушкилулосор 2 боби савуму явми сабт).
Баҳутӣ (р.ҳ) мегӯяд: Қасдан рӯзи шанберо рӯза гирифтан макруҳ аст бо дадели ҳадисе, ки аз расули худо (с) ворид шудааст, ки мегӯяд: «Рӯзи шанберо рӯза нагиред, магар дар ҳоле ки бар шумо фарз гардида бошад» (Аҳмад ва Ҳоким ривоят кардаанд ва мувофиқи шарти Бухорӣ аст, яъне дар ҳоле ки рӯзаи рӯзи шанбе дар моҳи рамазон бошад, рӯза гирифтанаш манъ нест, зеро ин вақт рӯза гирифтан фарз аст), зеро ин рӯз рӯзе аст ки яҳудиён таъзим ва бузургдориаш мекунанд ва дар танҳо рӯза

гирифтанаш ташаббуҳ ва монандӣ бо яҳудиён аст, ки расули худо (с) аз ташаббуҳ ва монандӣ кардан бо онҳо наҳи кардааст.
Магар дар ҳолате ки рӯзи ҷумъа ва ё шанбе бо одате баробар шавад, масалан бо рӯзи арафа ё рӯзи ошуро мувофиқ биёянд, пас дар ин ҳолат рӯза гирифтани ин рӯзҳо ҷоиз аст (Кашшофул қиноъ 2 боби саввуми татаввуъ).

## Рӯзаи рӯзи ошуро сабаби бахшиши кадом гуноҳон аст?

Имом Нававӣ мегӯяд: Рӯзаи рӯзи ошуро сабаби бахшиши ҳама гуноҳони сағира (хурд) аст. Маънояш ин аст, ки ҳама гуноҳони хурди инсон мағфират мешавад, магар гуноҳони кабирааш (мисли зино, арақнӯшӣ, дуздӣ ва ғайра). Рӯзаи рӯзи арафа (барои ғайри ҳоҷӣ) сабаби мағфират ва бахшиши ду сол аст ва рӯзаи рӯзи ошуро барои як сол аст ва агар омин гуфтанаш бо омин гуфтани малойкаҳо баробар шавад, гуноҳони гузаштааш бахшида мешавад… ҳама ҳолатҳои зикршуда барои мағфирати гуноҳон мувофиқанд, пас агар гуноҳони сағира бошад мағфират мешавад ва агар гуноҳони кабира ва сағира набошад барояш некиҳо навишта мешавад (ба сабаби ин рӯзҳои муборакро рӯза гирифтанаш) ва мартаба ва дараҷааш баланд мешавад. Агар гуноҳони кабира бошад ва гуноҳи сағира набошад, умед аст ки барояш гуноҳони кабирааш сабуктар гардад. (Маҷмуаи шарҳӣ муҳаззаб 6 савму явми арафа).
Шайхулислом ибни Таймия мегӯяд: Такфири гуноҳон ба сабаби таҳорат ва намоз ва рӯзаи рамазон ва арафа ва ошуро фақат барои гуноҳони сағира аст. (Фатово кубро ҷ.5).

## Ва савобу аҷри рӯза мағрур нашавем.

Баъзе аз мардум такя ба савобу аҷри рӯзаи ошуро ва арафа карда мағрур мешаванд ва аз гуноҳони сағира

даст намекашанд ва агар онҳоро огоҳӣ диҳӣ мегӯяд: рӯзаи ошуро гуноҳони яксоларо мағфират мекунад ва рӯзаи арафа боз аҷри зиёдатӣ боқӣ мемонад.

Вале ин фикр хато аст, ибни Қаюм мегӯяд: Ин мағрур намедонад, ки рӯзаи моҳи рамазон ва намозҳои панҷвақта беҳтару бузургтар аз рӯзаи ошуро ва арафа аст (дар аҷру савоб) ва инҳо байни ҳамдигар (яъне аз рамазон то рамазон, аз намоз то намози дигар) сабаби мағфирати гуноҳон мебошанд, агар аз гуноҳони кабира дурӣ ҷӯяд. (Яъне агар инсон аз гуноҳони кабира дурӣ ҷӯяд, пас ин ибодатҳо сабаби мағфирати гуноҳони сағира мешавад). Пас аз рамазон то рамазон ва аз ҷумъа то ҷумъа имкони мағфиратро надорад, магар дар ҳолати пайвастани тарки гуноҳони кабира бар ин ибодатҳо, яъне бо тарки гуноҳони кабира ва ба ҷой овардани ин амалҳо гуноҳони сағира мағфират мешаванд. Ва ин ду амал вақте ки бо ҳам пайваст мешаванд, гуноҳони сағираро такфир мекунанд.

Баъзе аз мағрурон гумон мекунад, ки тоатҳояшон аз гуноҳонаш зиёдтар аст, зеро ӯ аслан гуноҳони худро аҳамият намедиҳад, вале агар тоатеро ба ҷой овард ӯро дар ёдаш нигоҳ медорад ва ҳисоб мекунад, ки фалон тоатро ба ҷой овардааст. Мисли шахсе ки аз худованд бо забонаш талаби мағфират кардаст ё худоро дар як рӯз сад бор тасбеҳ гуфтааст, баъд аз он тамоми рӯзашро дар ғайбати мардум ва дар номуси мардум расида ва дар чизҳое гап задаст, ки аз розигии худованд дур аст. Дар охир дар бораи савобу аҷри он тасбеҳу таҳлилаш фикр мекунад, вале дар бораи азобу иқобе ки барои ғайбатчиён ва суханчиёну дурӯғгӯён омадааст фикру таҳамуле намекунад.

Ва ин ғурури маҳз аст (ки чашми инсонро мепӯшад то корҳои некашро дар ёд бигирад ва корҳои гуноҳ ва бадашро фаромӯш кунад) (Мавсуаи фиқҳӣ, ҷ. 31 «Ғурур»).

Худованд савобу аҷри рӯзи ошуроро бароямон насиб гардонад, омин.